

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№14 (4910)

ПАНҶШАНБЕ, 30 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj

**Эмомалӣ РАҲМОН:**

«БА ШАРОФАТИ СОҲИБИХТИЁРӢ МО АРЗИШҲОИ БОСТОНӢ ВА РАСМУ ОИНҲОИ НЕКИ МИЛЛИАМОНРО ЭҲЁ КАРДА, ОНҲОРО БА ХОТИРИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДОГОҲИВУ ХУДШИНОСИИ ҲАМВАТАНОН ВА МУАРРИФИИ ШОИСТАИ ХАЛҚИ КУҲАНБУНЁДАМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОН РУШД ДОДА ИСТОДАЕМ, КИ ШАШМАҚОМ, ФАЛАК, НАВРӮЗ, ТИРГОН, МЕҲРГОН ВА САДА АЗ ҶУМЛАИ ОНҲО МЕБОШАНД».



# САДА ПАЙҒОМЕ АЗ ТАМАДДУНИ КУҲАНИ МО

*Решаи тоҷик аз кадом сарчашмае об мехӯрад? Чаро фаромӯш кардани расму оин ва тамаддуни бавуҷудовардаи ниёконамон хатарзост? Ҷашни Сада чӣ пайванде бо тамаддуни мо дорад? Устура ва таърихи Сада чаро ҳақиқати зиндагии ниёкони мост? Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чаро барои зинда нигоҳ доштани расму оин ва суннатҳои ниёконамон мубориза мебаранд? Ба чӣ далел Садаро ҷашн мегирем?*

*Мо дар ин мақола кӯшиш кардем ба саволҳои зикршуда ба қадри тавон посух бигӯем. Ба устура ва таърихи гузаштагонамон назаре бияндозем, боварҳо, арзишҳо ва шеваи зиндагии ононро бозгӯ кунем. Ба дунёе сафар кунем, ки инсонҳо бо неруҳои аҳриманӣ мубориза мебурданд. Аз табиат дарси пок ва шод зистанро омӯхта буданд. Ҷашнҳо меоростанд, овоз мехонданд, мерақсиданд, ишқ меварзиданд, зиндагиро бо шебу фарозаш таҷриба мекарданд. «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» шиорашон буд. Ҳар ҷашне, ки меоростанд, паёме аз худшиносию ҷаҳоншиносиашон медод.*

**УСТУРА, ТАЪРИХ ВА САДА**

Дунё дар он замон аз даврони мо комилан мутафовит буд. Одамон ду фаслро мешинохтанд: тобистон ва зимистонро. Аз оғози фарвардин то поёни меҳрмоҳро тобистони бузург меномиданд. Аз якуми обон то поёни исфандро зимистон мегуфтанд. Одамон як ҷузви ҷудонашавандаи табиат буданд. Зимистони дурудароз ва сард ба зиндагиашон сахтӣ меовард. Онҳо сардӣ ва торикиро натиҷаи неруи аҳриманӣ медонистанд. Ягона роҳи муборизаро бо онҳо дар дуо ва ниёиш медиданд. Сардиҳо ва торикиҳои зимистонро ба умеди расидан ба равшанӣ, яъне тобистон, пушти сар мекарданд.

Сад рӯзи зимистон аз оғози обон то даҳуми баҳман сардтарин айём буд. Дар он даврони қадим дар аввали обонмоҳ ҳодисае рух дод, ки боиси тағйир ёфтани рӯзгори ниёгонамон гашт. Шоҳ Ҳушанг, писари Сиёмак, ки чорумин насли Одам ба ҳисоб мерафт, ҳангоми шикор бо мори бузурге рӯ ба рӯ шуд. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» он морро ин гуна тасвир мекунад:

**Ду чашм аз бари сар чу ду чашма хун,**
**Зи дуди даҳонаш ҷаҳон тарагун.**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МУЖДА МЕРАСАД АЗ БАҲОРУ НАВРӮЗ

**Мардум гӯё ҳама ба истиқболи хуршеди оламтоб мераванд. Даст ба сӯи хуршед мебардоранду ниёиш мекунанд. Дар ин рӯзҳои сарди ҷодуӣ аз ин кураи оташини гармибахш барои беҳтар шудани вазъи зиндагии худ имдод металабанд. Чун гармӣ, нур ва рӯшноиро ифодагари ҷовидонагии хуршед меҳисобанд, онҳоро муқаддас медонанд ва ин сарчашмаи зиндагибахшро меситоянд. Бобои деҳқон бошад, интизори баҳору Наврӯз аст. Ҳамин ки ба тани замин гармӣ медамаду парандагон овоз мехонанд ва табиат аз омад-омади баҳор мужда медиҳад, бобои деҳқон ба сари замин меравад, то дона кишт кунад.**

Ҷашни Сада, пеш аз ҳама, иди онҳоест, ки дар саҳро меҳнат мекунанд. Сада пайкест аз омодагӣ ба киштукори баҳорӣ. Киштзорон бошанд, пайке ҳастанд аз зиндагии серу пури мардум. Ҷашни Сада гузаштагони моро бо мо муаррифгар аст, бо расму оин, фарҳангу тамаддуни офаридаашон. Яъне он моро ба асли хеш рӯ ба рӯ месозад.

**Хуррам аст ин Садаву шодравон бод, ки гуфт,**
**«Шаби ҷашни Садаро ҳурмати бисёр бувад».**

Ҷашн Сада марбут ба рақами сад буда, миёни Сада ва Наврӯз панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб аст. Аз ин сабаб онро Сада ном ниҳодаанд. Сада сад рӯз баъд аз ҷамъоварии ҳосили ғалладона ва панҷоҳ рӯз то Наврӯз таҷлил мешавад. Дар ин бора Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» меоварад: «…дар ин рӯзҳо духули офтоб ба бурҷи ҳамал наздик буда, мардум шодмонӣ мекунанд аз баҳри он, ки шиддати сармо сипарӣ шуд ва рӯзҳои гарми баҳор наздик мегарданд».

Мардуми ориёитабор чилрӯзагии хуршедро ҳам дар рӯзи даҳуми баҳман бо исми Сада ҷашн мегирифтанд. Пас аз панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб, яъне 21-уми март, оғози сари сол – Наврӯзро таҷлил мекарданд.




Иди Сада бешумор қиссаву достонҳо дорад, ки ҳамаи ин ривоятҳо аз бостон маншаъ мегиранд. Он дар радифи Наврӯзу Меҳргону Тиргон қарор дорад ва дар фарҳангномаҳо ва осори назмию насрӣ зиёд ёд шудааст. Бузургон оғози ҷашни Садаро ба рӯзи кашфи оташ вобаста кардаанд, чунки оташ яке аз муҳимтарин унсури ҳаётофар дар радифи об, ҳаво ва хок мебошад. Мувофиқи ривояти «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ асосгузори ҷашни Сада шоҳ Ҳушанг аст.

Ӯ дар «Шоҳнома»-и безаволи хеш доир ба иди Сада маълумоти муфассалтар дода, аз ҷумла гуфтааст, ки шоҳ Ҳушанг дар шикоргоҳ бо гурӯҳе аз ҳамроҳонаш гузар мекард, ки ногаҳон чашмаш ба мори сиёҳе дарафтод ва сангеро бардошта ба болои он ҳавола дод, ки ба санги дигар бархӯрда, оташ ба вуҷуд омад. Аз ҳамон рӯз онро нури хуршедӣ ном гузошта ва пайдоиши оташро ба Ҳушанг нисбат доданд.

Дар «Бурҳони қотеъ» Сада ин гуна зикр мешавад: «Сада ҷашнест, ки порсиён дар рӯзи даҳуми баҳманмоҳ кунанд ва дар он рӯз оташи бисёр афрӯзанд».

Садаро мардуми кишвари азизамон ҳар сол бо риояи суннатҳои аҷдодӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамоянд. Намоишномаҳои идона ташкил мекунанд. Маҳсулоти кишоварзӣ, ниҳолҳо, гулу буттаҳо, тухмии зироати кишоварзӣ, маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва анвои гуногуни таомҳои миллиро ба намоиш мегузоранд.

Намоишгоҳ аз фаровонӣ ва меҳнату заҳмати кишоварзони Ватани маҳбубамон дарак медиҳад. Инчунин, дар намоишгоҳҳо гулхан, ки рамзи Сада мебошад, барафрохта шуда, аз ҷониби ҳунармандон мусиқиҳои дилнавоз, рақсҳои дилкаш ва саҳнаҳои ҷолиб намоиш дода мешавад. Мардум бо як шӯру шавқ ва бедордилӣ тамошобинони намоишгоҳҳо ҳастанд. Ин шаҳди истиқлолу озодист.

Ҷашни Сада маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон умри дубора ёфт. Аз соли 2018 иди расмӣ эълон гардидааст. 6-уми декабри соли 2023 дар Иҷлосияи 18-уми Кумитаи байнидавлатии мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО, ки дар Ботсвана баргузор шуд, бо ташаббуси муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷашни Сада ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид гардид. Ин самари истиқлолу озодӣ ва талошу заҳмати озодагон аст.

**Гулбаҳор РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

# САДА ДАР САДР АСТ

**Чун сухан дар бораи ҷашни Сада равад, маъмул шудааст, ки аксар муаллифон дар таълифоти хеш ба як далел - «шоҳ Ҳушанг бо наздиконаш ба шикор меравад ва дар кӯҳ мори дарозу тирарангро мебинанд. Ҳушанг санги калонеро бардошта ба сӯйи мор мепартояд, мор гурехта меравад, аммо ин санг ба санги дигар бархӯрда шарора меҷаҳад ва хасу хоррӯбаҳои хушк оташ мегирад ...», - истинод менамоянд.**

Хуб дарк менамоем, ки Сада рамзи пирӯзии гармию нур бар сардӣ ва торикӣ ба ҳисоб рафта, рамзи асосии он гулхани фурӯзони оташ аст, вале афзалият додан ба ин ривоят боис гардидааст, ки ҷанбаҳои дигари нисбатан муҳимтари ин ҷашн то андозае аз мадди назар дур мондаанд.

**РУҶӮИ ТАЪРИХӢ**

Тибқи иттилои таърихнигорону фарҳангшиносон маълумот оид ба Сада ба се номгӯй ҷудо мешавад. Аввал, маълумоти тоисломӣ аст, ки тавассути сайёҳон ва муҳаққиқони аврупоию юнонӣ Ҳеродот, Страбон, инчунин, аз баъзе сарчашмаҳои арабии тоисломӣ ба мо расидаанд. Баъдан, дар давраи Сомониён, асрҳои IX-X, дар осори таърихию адабӣ дар бораи Сада маълумоти бештар қобили дарёфт аст. Сеюм намуди маълумотро аз сарчашмаҳои мардумшиносӣ дарёфт карда метавонем. Ба ин тартиб, Сада аз ҷумлаи ҷашнҳои бостонии мо мебошад, ки таҷлилаш 7 ҳазор сол пеш шурӯъ шуда, маҳсули завқи баланди гузаштагони мост. Дар замони Ашкониён, Сосониён ва Сомониён ҷашнгирии он ба авҷи аъло расида буд. Масъалаи дигаре, ки бояд таваҷҷуҳ ба он хоса бошад, қаробат надоштани Сада ба дину эътиқод аст. Ҳатто дар Авесто, ки баъзеҳо бинобар рамзи асосии Сада будани оташ ба он моҳияти зардуштиро марбут медонанд, ин ҷашн зикр нашудааст. Яъне, аҷдоди шарафманди мо - ориёиёни қадим тақвимҳои ба истилоҳ мардумиро рӯи кор оварда буданд, ки рамзу ҳикмати хос ва асосан ба фаслҳои сол рабт доштанд. Нақши ин тақвимҳо дар он айём бениҳоят бориз буду дар асоси онҳо мардум маросиму ҷашнҳоро бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мекарданд.

Далелҳо ҳокианд, ки бо лашкаркашии арабҳо ба Ватани аҷдодии мо маъруфияту маҳбубияти ин ҷашн аз байн рафт. Хушбахтона, бо шакл гирифтани давлатҳои миллӣ, хоса дар замони Сомониён, ҳамрадиф бо Наврӯзу Меҳргон Сада эҳё гардид. Сулолаи Ғазнавиён низ ба ин ҷашн таваҷҷуҳи хоса дошт ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шахсан дар ин маросим ширкат мекардааст. Мутаассифона, зери таъсири руҳониёни мутаассиб муносибати ҷойгузини ӯ – писараш Масъуд ба ин қабил ҷашнҳо дуюмдараҷа гардид. Бо оғоз шудани истилои муғул ва минбаъд бар асари махсусияти низоми шуравӣ миёни ҷашнҳои ниёкони мо фақат Наврӯз то андозае осебнопазир боқӣ монда, дигар ҷашнҳо, хоса Сада, ба гӯшаи фаромӯшӣ афтоданд.



**ТАВСИФИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДАГӢ**

Чун дигар ибтикорҳо дар саргаҳи эҳё ва такомули ҷашни Сада низ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Эҳёи расму оини аҷдодӣ, арҷгузорӣ ба ҷашнҳои ниёкон яке аз фазилатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ин абармарди дунёи сиёсат пештар ва бештар аз дигарон дарк карданд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ арзишҳои миллиро, ки ҷашнҳои миллӣ як ҷузъи муҳими онҳо мебошанд, бояд боҷуръатона ҳимоя ва барои боз ҳам таҳкиму густариш ёфтанашон шароит фароҳам сохт. Маҳз, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ҷаҳонӣ шуду жанрҳои мусиқии Шашмақому Фалак, ёдгории Саразм ва чакан ба рӯйхати ёдгориҳои ғайримоддии умумибашарии созмони бонуфузи ЮНЕСКО ворид гардидаанд. Эҳё ва бар маснад нишондани Сада низ идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сада мақоми ҷашни давлатӣ дода шуд. Боз ҳам муҳим он аст, ки ҷашни Сада бо пешниҳоди Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 дар Иҷлосияи 18-уми Кумитаи ЮНЕСКО ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардид. Сада чун падидаи фарҳанги асили аҷдодӣ ба як ҷузъи ҷудонопазири худшиносӣ ва ифтихори миллии мо табдил ёфт. Ба таъбири шоир Озар:

**Чист, эй дӯст, Сада?**
**Сада оғози яке соли пур**
**аз иқбол аст.**
**Сада мероси Ҷаму Афредун,**
**Сада, ин Нораку Роғун,**
**Сада, ин партави хуршедии**
**истиқлол аст.**

**ДАР БОБИ МОҲИЯТУ МАХСУСИЯТИ САДА**

Сада таҷассумгари ғояҳои неки башардӯстона буда, мардумро ба дӯстию бародарӣ ва заҳмату ободкорӣ даъват менамояд. Он аз итмоми фасли сармо паём дода, муждарасони Наврӯз аст. Сада тақвими чиллашуморӣ маҳсуб шуда, кишоварзон тибқи он рӯзу моҳу фаслҳоро ҳисоб мекунанд ва дар корҳои деҳқонии худ истифода мебаранд. Мувофиқи тақвими чиллашуморӣ аз 22-юми декабр Чиллаи калон шурӯъ мешавад ва шаби даромадани Чилларо ниёгони мо бо номҳои шаби Чилла ва шаби Ялдо ҷашн мегирифтанд.

Бештар ба кишоварзон мансуб донистани ин ҷашн ба он рабт дорад, ки ба марди деҳқон аз наздик шудани фасли баҳору оғози корҳои саҳро хабар медиҳад ва аҳли заҳматро ба андешаи давраи нави кишоварзӣ ва боғдорӣ ҳидоят менамояд. Маҳз дар ҳамин айём деҳқонон тухмии хушсифати зироат, таҷҳизот ва дигар асбобу олоти кишоварзиро ба кишти баҳорӣ омода месозанд, ҷӯйбору заҳкашҳо, яъне иншооти обёриро тоза намуда, нақшаи киштукор, бунёди боғу токзор ва дигар корҳои баҳориро тарҳрезӣ мекунанд. Марҳилае, ки Сада таҷлил мегардад, беҳтарин айём барои тоза кардани дарахтони боғҳои куҳна ва омода намудани ниҳолу қаламчаҳо барои бунёди боғҳои нав аст.

Хайру саховат кардан, ба аёдати беморону наздикон рафтан ва либоси идона пӯшидан аз ҷумлаи оинҳои неки ин ҷашн ба ҳисоб меравад. Кинаҳоро аз қалбҳо дур кардан, тозаю озода нигоҳ доштани хонаю кошона, сарсабзу хуррам гардонидани кӯчаю хиёбону гулгаштҳо ва ободу зебо намудани маҳали зист аз суннатҳои Сада аст.

Бо ин мисраъҳои зебои Гулназар метавон матлабро анҷом дод:

**Сада сад раҳ кушояд сӯйи Наврӯз,**
**Ба рӯйи мо намояд рӯйи Наврӯз.**
**Сано гӯям ба ин ҷашни ниёгон,**
**Ки дар сармо расонад бӯйи Наврӯз.**

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**




# ИСТИҚЛОЛ ВА САДА

## ду падидаи арзишманд, ки яке дигареро эҳё кард

**Саҳми миллати тоҷик дар шаклгирии тамаддуни ҷаҳонӣ бисёр бузург аст. Бино ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, аз кишоварзиву косибӣ то ҳунармандиву шаҳрсозӣ дар минтақаи мо маҳз ба фаросату заковат ва донишу фарҳанги тоҷикон пайванд мехӯрад.**

Чун гузаштагони мо аз нахустин инсонҳои зиндагисозу офаранда ва сокинони бумии сарзамин маҳсуб меёбанд, мусаллам аст, ки ба вуҷуд овардани ҷашну маросим ва анъанаҳо низ ба тоҷикон тааллуқ мегирад. Аз ин ҷост, ки бо гузашти асрҳо ва ҳамзистии якҷоя аксаран ҷашну маросими миллии тоҷикон ба дигар кишварҳо ва қавму халқҳо нуфуз кард. Имрӯз Наврӯзи моро халқҳои гуногуни дунё ҷашн мегиранд ва ба он ҳамчун иди миллии худ муносибат менамоянд. Мутаассифона, ҷараёну равандҳои гуногун дар тӯли таърих на ҳамеша ба муроди дили миллати тоҷик будааст, ки дар натиҷа зарбаҳое ба пайкари фарҳангу тамаддуни зиёда аз шашҳазорсолааш ворид шудааст. Дар замоне ки тоҷикон тамаддунсозӣ менамуданд, ҳанӯз динҳои тавҳидӣ ба вуҷуд наомада буданд. Аз ин рӯ, ба вуҷуд омадани динҳо бархӯрдҳое бо фарҳангу тамаддуни вуҷуддошта кардаанд.




Дар натиҷа, дар давраҳои гуногуни таърихӣ баъзе маросим аз байн рафтаву баъзеи дигар шакл иваз кард ва қисме то ба замони мо омада расид. Масалан, пайдоиши Наврӯзро ба беш 6 ҳазор соли пеш нисбат додаанд, магар дар ин дарозои таърих, ки садҳо давлату кишвар таъсис ёфтаву барҳам хӯрдаанд, зинда нигоҳ доштани он кори осон аст? Барои пойдории чунин падидаҳои фарҳангию илмӣ фарзандони огоҳу худшиноси миллат ҳамеша нақш доштаанду доранд.

Ҷашнҳои миллии тоҷикон ба ҳеҷ дину оин рабт ё тааллуқ надоранд, ба мисол Наврӯзу Меҳргон, Садаву Тиргон, баргирифта аз гардиши коиноту замин аст ва асосу пояи ин ҷашнҳо аз ақлу фаҳму дониши инсонҳо маншаъ мегирад. Мурод аз онҳо шодоб сохтани инсонҳо ва дар асоси тақвими ин ҷашнҳо барномарезии зиндагии худро дуруст ба роҳ мондан аст. Масалан, Ҳаким Низомӣ дар «Шарафнома» аз оину суннат ва ҷашнҳои куҳани Наврӯзу Сада ёдовар мешавад:

**Ба Наврӯзи Ҷамшеду ҷашни Сада,**
**Ки нав гаштӣ оини оташкада.**
**Зи ҳар сӯ арӯсони нодидашӯй,**
**Зи хона бурун тохтандӣ ба кӯй.**
**Рух ороста, дастҳо пурнигор,**
**Ба шодӣ давидандӣ аз ҳар канор.**
**Муғона майи лаъл бардошта,**
**Ба ёди муғон гардан афрошта.**
**Зи Барзини деҳқону афсуни Занд,**
**Баровarda дуде ба чархи баланд.**
**Ҳама корашон шӯхию дилбарӣ,**
**Гаҳ афсонагӯйӣ, гаҳ афсунгарӣ.**

Яке аз чунин ҷашнҳое, ки то замони мо бо «афтодану хестанҳо» расидааст, Сада мебошад. Он ҷашни бузурги ориётаборон аст, ки дар оғози шомгоҳи 10-уми баҳманмоҳ, мутобиқ ба 30 январи тақвими мелодӣ баргузор мешавад. Бино ба тадқиқоти донишмандон, пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба хуршед ва тимсоли он - оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, аз замони сулолаи Пешдодиён сарчашма мегирад. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар фарҳанги шифоҳӣ ишора рафта, баъдан ба осори хаттӣ роҳ ёфтааст.

Фарҳангшинос Дилшод Раҳимӣ дар суҳбат («Садои мардум», «Сада ва иртиботи он ба санд, саадак ва сазак», №14 (4434) 28 январи соли 2022) роҷеъ ба пайдоиши ҷашни Сада изҳор дошта буд, ки он 6-7 ҳазор сол пеш шурӯъ шуда, дар замони Сосониён ба авҷи шукӯҳаш расидааст. Дар замоне ки арабҳо омаданд, як давра хомӯш шуд, баъдтар, вақте давлатҳои миллӣ пайдо шуданд, хусусан дар давраи Саффориёну Сомониён, бисёр суннатҳо ва анъанаҳои миллӣ ва ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргону Сада бо тамоми зебоиву шукӯҳашон эҳё шуданд. Ин раванд аз Сомониён ба Ғазнавиён гузашт. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ Садаро ҷашн мегирифт. Баъдан, вақте писараш Масъуд ба сари ҳокимият омад, он ҳам дар ибтидо ин ҷашнро баргузор мекард, аммо баъдтар руҳониёну мутаассибони динӣ ба Масъуди Ғазнавӣ гуфтанд, ки ин расми кофирону оташпарастон аст ва онро набояд ҷашн бигирӣ. Бо ҳамин дар замони Ғазнавиён зарбае ба ҷашни Сада расонда шуд, ки оҳиста-оҳиста мавқеи худро аз даст дод. Сада дар ин давра аз дарбор берун шуд, аммо дар байни халқ боқӣ монд. Мардум онро ҳамчун ҷашни анҷоми Чиллаи калон қайд мекарданд. Яъне, аз сармо раҳидану ба гармо расиданро ҷашни Сада ифода мекард. Мутобиқи илми нуҷумшиносӣ ҳам сардии зимистон пас аз моҳи январ паст гардида, сайёраи Офтоб ба замин наздик шуданро оғоз мекунад.

Бино ба гуфти Дилшод Раҳимӣ, Сада дар асарҳои адабӣ ва манобеи таърихӣ то замони омадани муғулҳо инъикос шудааст. Пас аз он, ки забткории муғулҳо оғоз шуд, ҷашни Сада ҳам аз дарбор ва ҳам аз тасвироти адабӣ берун мешавад.

- Мо намунаҳои адабиеро, ки Сада тавсиф шуда бошад, баъд аз асри XIII надорем. Ба истиснои ишораҳое, ки шояд калимаи сада ба маънои сардиҳои зимистон истифода шуда бошад. Аммо ҳамчун ҷашн ва падидаи бузурги фарҳангӣ дигар дар тасвирҳои бадеӣ дида намешавад,- зикр карда буд номбурда.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки то имрӯз роҷеъ ба он андешаҳои гуногун пешниҳод мешаванд, сари вожаи «сада» мебошад. Баъзе аз донишмандони мо дар такя ба шарҳи мардумии он, ки гӯё аз рақами 100 гирифта шуда бошаду 50 шабу 50 рӯз то Наврӯзро ифода мекунад, истифода кардаанд. Чунин шарҳ дар китоби «Осор-ул-боқия»-и Берунӣ ҳам ишроа шудааст. Ба ин мазмун Фаррухӣ низ «Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз, Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тироз» гуфтааст, аммо устурашиноси эронӣ Меҳрдоди Баҳор гуфтааст, ки «калимаи сада метавонад аз «санд»-и авестоӣ бошад, ки маънояш зоҳиршавӣ ва равшаншавӣ аст, зеро бинобар устураҳои мавҷуда вақте Митро, Худои рӯшноӣ, таваллуд мешавад, дар дохили ғор мемонад ва рӯзи чилум берун меояд. Мардум ба хотири берунои Митро оташафрӯзӣ мекунанд. Аз ин рӯ, Меҳрдоди Баҳор мегӯяд, ки ба калимаи «санд»-и Авасто иртибот дорад. Ҷойи дигар ӯ аз сарчашмаҳои паҳлавӣ калимаҳои «садак» ва «сазак»-ро пайдо мекунад ва мегӯяд аз калимаи сад аст.

Абурайҳони Берунӣ дар «Китобут-тафҳим» дар бораи моҳият ва маънои номи Сада чунин маълумот медиҳад: «Сада чист? Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва он даҳум рӯз бувад. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум, оташҳо зананд ба гавз ва бодом ва гирд ба гирди он шароб хӯранд ва лаҳву шодӣ кунанд. Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб». Баъдан, Берунӣ оид ба пайдоиши он ва «сабаби оташ кардан ва бардоштан» ривоятеро меорад, ки ба пирӯзии Фаридун бар Бевараспп (Заҳҳок) ва аз марг халос кардани гурӯҳи бузурги одамон аз ҷониби Армоил – ошпази Заҳҳок вобаста аст.

Вожаи «сада»-ро ҳар гунае ташреҳ диҳем ҳам, аммо як нукта исботшуда аст, ки он рамзи пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва гармӣ ба сардиро талаққӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар иқдомҳои таърихиашон дар самти эҳёи дубораи расму оинҳои миллӣ ба ҷашни Сада низ таваҷҷуҳ намуда, дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2018 зикр карда буданд, ки «анъанаҳои ҳаётдӯстона ҷавҳари ҷашни Садаро ташкил мекарданд.



Дар миёни суннатҳои Сада гулхан афрӯхтан мавқеи асосӣ дорад. Ба ин маънӣ, ин ҷашнро метавон ҷашни мелоди оташ, яъне манбаи гармиву нур номид». Ҳамин тариқ, бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагон моҳи октябри соли 2017 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» илова ворид намуд, ки бар асоси он Сада дар кишвар расман ҳамчун ид таҷлил карда мешавад. Дар сатҳи Ҳукумат Сада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 30-юми январи соли 2018 ба таври расмӣ таҷлил гардид. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29-уми январи соли 2018 сокинони кишварро ба ин сана табрику таҳният намуда, ҳамзамон, ба сарфакорӣ даъват намуда, таъкид карданд, ки «ба шарофати соҳибистиқлолӣ анъанаву суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мардуми куҳанбунёди мо эҳё гардида, арҷгузорӣ ба онҳо сол ба сол бештар шуда истодааст. Имрӯз ҷашнҳои миллии мо, ки аз қаъри асрҳо ба замони мо расидаанд, ҳоло дар сатҳи давлатӣ, бо рангу ҷилои беҳтар ва бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегарданд, зеро ин ҷашнҳо ёдгоре аз ниёгони ориёии мо буда, мардуми тоҷик онҳоро, аз ҷумла маросими Садаро бо вуҷуди нодида гирифтану монеа эҷод карданҳои зиёд ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири хотираи фарҳангии чандинҳазорсолаи худ ва ба сифати дурдонаҳои гаронбаҳои маънавӣ ҳифз намудаанд. Дар замони истиқлолият Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллии мо, аз ҷумла Наврӯзу Меҳргон умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва соли гузашта дар радифи ҷашнҳои миллиамон ба қонунгузории мамлакат ворид гардид».

Роҳбари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2018 аз эҳёи дигарбораи оину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо дар даврони истиқлолияти давлатӣ ёдовар шуда, таъкид карданд, ки «бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз онҳо, аз ҷумла Шашмақом ва Наврӯз, ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм, Парки миллии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ташкилоти зикршуда ворид гардиданд ва соли оянда мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада низ ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд». Натиҷаи чунин таваҷҷуҳ буд, ки 6-уми декабри соли 2023 Иҷлосияи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО, ки дар Ҷумҳурии Ботсвана баргузор шуд, номинаи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон «Ҷашни Сада» ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардид. Аз ин рӯ, вақте дар бораи истиқлол, арзиш ва моҳияти он фикр карданӣ шавем, пеш аз ҳама, ба ин натиҷа мерасем, ки будани он неъматест бемонанд, зеро маҳз соҳибистиқлолӣ имкон медиҳад, ки миллат сарҷамъ шуда, бо ифтихор аз таъриху фарҳангаш онро арҷ гузорад. Тавре Роҳбари давлат зимни вохӯрӣ бо доираҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратии Тоҷикистону Эрон дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон 16-уми январи соли равон зикр карданд: «Агар мо таъриху фарҳанги худамонро соҳибӣ накунем, холигӣ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа онро фарҳанги бегона пур мекунад».

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# САДА

## ПАЙҒОМЕ АЗ ТАМАДДУНИ КУҲАНИ МО

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳушанг сангеро бардошта бар сари мор зад, аммо он хато рафт ва ба санги дигаре бархӯрд. Сангҳо шикастанд ва аз бархӯрдашон ҷарақа, фурӯғе падид омад, ки ҳамон оташ буд.

**Баромад ба санги гарон санги хурд,**
**Ҳам ону ҳам ин санг бишкаст гурд.**
**Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,**
**Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.**

Чун ҷарақаи оташ ба хасу хошок парид, фурӯзон гашт. Ҳушангу ёронаш гармии оташро дар он сардӣ ҳис карданд ва неруи онро бишнохтанд. Каме аз оташро бардоштанд ва ба манзилашон баргаштанд:

**Шаб омад барафрӯхт оташ чу кӯҳ,**
**Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо гурӯҳ.**
**Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,**
**Сада номи он ҷашни фархунда кард.**



Ҳамин тавр, баъди сад рӯзи сардтарин рӯзҳои зимистон Ҳушанг оташро кашф намуд ва он рӯзро Сада ном гузошт.

Ин қисса устураест, ки тавассути «Шоҳнома» ва ривоёти мардум то замони мо расидааст. Аммо ин устура ҳамон оғози таърих аст, ҳамон давроне, ки ниёкони мо истифода аз оташро ёд гирифтанд ва дар зиндагиашон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Онҳо бо оташ бошишгоҳу кулбаҳояшонро гарм карданд, ба шабҳояшон равшанӣ бахшиданд. Тавассути оташ худро аз душманонашон муҳофизат намуданд. Оташ барояшон ҳурмат дошт, онро пок ва поккунанда медонистанд.

### САДА - САДУМИН ФАРЗАНДИ ОДАМ

Боварҳо одамонро дар тӯли таърих ба ҳар роҳе бурдааст, аммо шинохт ба инсон болу пар додааст. Шинохти худ, шинохти муҳит, шинохти оташ, шинохти офтоб, шинохти некию бадӣ... боиси пайдо гаштани фарҳангҳо, тамаддунҳо гаштааст. Сада ҳам ҷашни шинохти оташ аст.

Вожаи «сада» аз калимаи «сат»-и забони паҳлавӣ то мо расидааст ва маънои садро дорад. Дар бораи пайдоиши ҷашни Сада назарҳо мутафовитанд. Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Аттафҳим»-и худ дар бораи далели ба вуҷуд омадани ҷашни Сада менависад: «Ва низ гуфтаанд, ки андар ин рӯз аз фарзандони падари нахустин (Одам) сад тан тамом шуданд».

Ин фикри Абурайҳони Беруниро Гардезӣ ҳам тасдиқ мекунад. Ӯ дар китоби «Зайн-ул-ахбор»-и хеш менависад: «Садаи бузург, чунин гӯянд муғон, ки андар ин рӯз сад мардум тамом шуда буд аз насли «Мишо» ва «Мишиёна» ва эшон ду мардуми нахустин буданд, чунон ки мусулмонон гӯянд Одаму Ҳаво, муғонро он ду тан буданд».

Аз ин гуфтаи Абурайҳони Берунӣ ва Гардезӣ маълум мегардад муғон (руҳониёни зардуштӣ) бовар доштанд, ки вақте шумораи фарзандони Мишо ва Мишиёна (Одам ва Ҳаво) ба сад расид, онҳо аз ин хушҳол гаштанд ва ҷашн оростанд. Дар он даврони оғозини таърих зиёд гаштани шумори насли Одам муҳим буд. Дар муқобили офатҳои табиат, ҳайвонҳои ваҳшӣ, неруҳои аҳриманӣ пойдорӣ нишон додан ва ба бақои худ идома бахшидан ба инсонҳои нахустин амри ҳаётӣ ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки нахустин падар (Одам) вақте шумори фарзандонаш ба сад мерасад, ҷашн меорояд. Чаро ки афзун гаштани ҷамъияти одамони нахустин нишонаи қувват гирифтан, тавоно шудан ва маънои дар баробари душманон пирӯз гаштанро дошт.

Масъалаи бақо дар он давроне, ки ба назари мо устура метобад, муҳимтарин амри зиндагии мардум буд ва ин чизро онҳо хуб медонистанд. Зинда мондани насли Одам бидуни расидан ба огаҳӣ ва шинохт имконпазир набуд. Аз ин рӯ, одамон истифода аз қувваи тафаккурро ёд гирифтанд ва ба шинохти қувваҳои некию бадӣ пардохтанд.

### ОФТОБ - ТАВАЛЛУДИ ДИГАР

Зимистонҳои сарду торик дар он даврони дур ваҳму хиёлро дар зеҳни одамон бедор месохт. Онҳо дар баробари табиати бераҳму номеҳрубон худро нотавон ҳис мекарданд. Дар танҳоӣ ва дастҷамъона худованди табиат - Меҳрро ниёиш менамуданд. Аз ӯ мехостанд ба онҳо равшанӣ ва гармӣ бубахшад, торикиро бардорад ва дар баробари неруҳои бадӣ тавонашон бидиҳад.

Одамон дар дарозтарин шаби зимистон, ки дар миёни форсигӯён чун шаби Ялдо машҳур аст ва мо-тоҷикон онро чун шаби Чилла мешиносем, даври ҳам ҷамъ мешуданд ва ба дуохонӣ мепардохтанд.

Дар он даврони қадим зимистонҳои сахту қаҳратун ҳукмфармоӣ мекард ва мардум моҳҳо рӯи офтобро намедиданд. Онҳо бовар доштанд, ки дар шаби аввали Чилла офтоб дубора таваллуд мешавад ва оҳиста-оҳиста қувват гирифта, неруҳои торикӣ, яъне аҳриманиро пароканда сохта, ба онон чира мегардад.

Шаби ҷашни Сада барои офтоб шаби чиллашикан ба ҳисоб мерафт ва хуршед аз Чилла мебаромад. Баъди панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб офтоб қудрати худро комил месохт, торикиро аз байн мебардошт, аҳриманро мағлуб месохт, ҷаҳонро пурнур мегардонд ва Наврӯзро падид меовард. Он гоҳ ниёконамон ҷашни хушӣ мероростанд ва бо суннатҳои хос омадани Наврӯзро пешвоз мегирифтанд.

Дар ҷашни Сада чун оташ меафрӯхтанд, бо ҳамин оҳарманро аз худ дур мекарданд. Онҳо оташро нури Худо медонистанд ва бовар доштанд он нур бадиҳоро месӯзад, торикиро мебардорад ва покию ростиро эҳдо менамояд. Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» менависад, ки аҳли Караҷ шаби Садаро «Газна» меномиданд. Чунин ном гузоштан ба он маъно буд, ки шаби Сада сард ва газанда аст. Ин сардӣ ва газандагиро танҳо оташ ба гармӣ табдил медод ва баданҳои карахту сармохӯрдаро ҷон мебахшид, ба ҳаракат меовард.

Оташи Садаро бо шурӯъ гаштани шаби даҳуми обонмоҳ дар баландиҳо меафрӯхтанд. Мардум дар гирди оташ ба рақсу пойкӯбӣ мепардохтанд, сипас готҳоро месуруданд, баъдҳо дар баробари сурудаҳои динӣ шоҳномахонӣ ҳам мекарданд. Онҳо бовар доштанд, ки оташи афрӯхтаашон ба Замин гарморо ҳадя меорад. Баъд аз хомӯш гаштани оташ барзгарон хокистари онро ба заминҳояшон бурда мепошиданд ва он хокистарро оварандаи хайру баракат меҳисобиданд.

### ЧАРО ИМРӮЗ САДАРО ҶАШН МЕГИРЕМ?

Суннатҳо, расму оинҳои ниёкони мо фарҳангу тамаддуни моро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамон тамаддуне, ки решаи дарахти тановари ҳастии миллати мост. Агар ин решаро бибурем, дарахт мехушкад, нобуд мешавад. Халқе, ки дар зери бори фарҳанги бегонагон мемонад, маҳв мегардад, ҳувияти худро мебозад. Дар дунё халқияту миллатҳое ҳастанд, ки чунин сарнавишт насибашон шудааст.

Талошҳои пайвастаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба худшиносии миллӣ ба хотири бақои миллат аст. Зинда гардонидан ва ба таври васеъ таблиғ кардани расму оинҳое, аз қабили Тиргон, Меҳргон, Сада ва Наврӯз, нашри омавии китобҳои «Тоҷикон» ва «Шоҳнома», маънои ба худ расидан, тамаддуни миллии худро шинохтан аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Чеҳраҳои мондагор» таъкид мекунанд: «Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем»

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён ба Душанбе дар вохӯрӣ бо тоҷирон гуфтанд: «Миллате, ки фарҳанг ва тамаддуни худро соҳибӣ намекунад, дар ҳастии он миллат холигие ба вуҷуд меояд ва он холигиро фарҳанги бегона пур месозад». Оре, мо имрӯз соҳиби фарҳангу тамаддуни бузурге ҳастем ва масъулияти бегазанд нигоҳ доштану шукуфо кардани онро бар дӯш дорем.

Ҷашни Сада барои худшиносии миллии мо аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад. Аввал ин ки кашфи оташ боис гашт аҷдодони мо бар ду душман – сармо ва торикӣ пирӯз гарданд. Ҳаёти худро дигаргуна бисозанд ва гоми ҷиддие барои ҳаёти беҳтар гузоранд. Дигар ин ки оташ боис гашт, ки ниёкони мо рӯ ба тараққӣ биёранд. Дар давру бари оташ хонаҳо бисозанд ва деҳкадаю шаҳрҳоро бунёд карда, асоси тамаддуни худро бигзоранд. Маънои исми Ҳушанг ҳам «дорандаи хонаҳои хуб» аст.

Оташ ба ҷомеаи инсонҳои аввалия нур ва қудрат овард. Онҳоро дар баробари душманонашон неруманд сохт. Тавассути оташ на танҳо пухтани хӯрокро ёд гирифтанд, балки асбобҳои рӯзгорашонро сохтанд, теша, табар, корд ва аслиҳаи ҷангиро ба вуҷуд оварданд, ки дар он даврон назир надошт.

Барои ниёкони мо ҷашни Сада ҷашни ҳамкорию ҳамбастагӣ буд. Онҳоро оташ даври ҳам овард ва барои муқобилият кардан бо неруҳои аҳриманӣ тавон бахшид. Ба иборати дигар Сада ҷашни пирӯзии некӣ бар бадӣ аст. Ниёкони мо маниши некиро ситоиш мекарданд ва аз бадӣ парҳез доштанд.

Кашфи оташ ғалабаи равшанӣ бар торикист, чира гаштани гармӣ бар сардист ва оғози тамаддуни пурғановати мост. Сада моро ба Наврӯз мерасонад. Наврӯз ҷашни эҳёст, рӯзи нав ва рӯзгори нав аст. Замонест, ки неруҳои аҳриманӣ нобуд мешаванд ва фарзандони Одам ба зиндагии бартар мерасанд. Аз ин ҷост, ки шинохт ва ҷашн гирифтани Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон дорои аҳамияти хос буда, моро ба асли худ мебаранд. Ҳамон асле, ки ба мо боли парвоз медиҳад ва дариҷаҳои фардоро ба рӯямон мекушояд

**ВОРИС, «Садои мардум»**

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намудаанд, ки «...миллати тоҷик соҳиби оину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадимӣ буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст. Суннату оинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада, дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло баранд».**

# ҶАШНИ МУҚАДДАСУ ҶОВИДОНА

Инак, ҷашни фархундаи Сада таҷлил мешавад, ҷашне, ки миёни гузаштагони дури мо баёнгари ҷовидонагии хуршед ва муқаддас шумоиридани оташ маҳсуб меёфт. Ҷашне, ки аз оинҳои таърихии ниёконамон аст. Ҷашни беназире, ки огаҳӣ аз сипарӣ шудани фасли сармо ва мужда аз фаро расидани баҳору Наврӯзро ба мардум мерасонад...

Ҷашни Сада мувофиқи ривояту устураҳо дар даврони шоҳони асотирии Пешдодиён, ки ҳазорон сол пеш зистаанд, доир мегаштааст ва ҳақиқати онро Сарвари давлат барвақт дарк карда гуфта буданд: « ... барои халқи тоҷик ҷашни Сада мисли ҷашни Меҳргон таърихи қадима дорад ва бояд он аз нав комилан эҳё гардад».

Маҳз дар заминаи ҳамин ҳидояту таъкидҳои миллатдӯстонаю меҳанпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқу омӯзиш, ковишу ҷустуҷӯҳои мардумшиносӣ дар кишварамон сурати тоза касб карда, самараю натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овард. Акнун мутахассисону коршиносон барои рушду таҳаввул ва тавсеаи тафаккури навини аҳли ҷомеа ва таҳқиқи мероси пурғановати гузаштагонамон саъю талоши зиёд ба харҷ дода, ба омӯзиши таърих ва фарҳанги пешини халқамон ба таври ҷиддитар машғул гаштанд. Вале боз ҳам баисрор таъкид менамоем, ки маҳз таълифу эҷоди асарҳои пурмуҳтавои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва навиштаҳои дигари аҳамияти таърихию халқдӯстона доштаашон комилан собит сохтанд, ки миллати тамаддунофари тоҷик таъриху фарҳанги, воқеан, пурғановату қадима дорад.

Ба андешаи таърихшиносон пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он - оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар мерасад. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар фарҳанги гуфторӣ (шифоҳӣ), устураҳои мансух ишора рафта ва тавассути ин ду сарчашма ба осори хаттӣ роҳ ёфтааст. Хеле муҳим аст, ки боварҳо ва нишонаҳои эътиқод ба хуршеду оташ, ки сабабгори аслии ба вуҷуд омадани ҷашни Сада мебошанд, то имрӯз дар байни мардумони гуногуни олам ба назар мерасанд.

Агар Наврӯз дорои мафҳумҳои сулҳ, дӯстӣ, ҳамдилӣ ва ҳамбастагиро талқин намояд ва рафоқату иттиҳодро миёни қавму миллатҳои мухталиф авлотар ҳисобад, Сада барои эҳтиром гузоштан ба хуршед ва оташу рӯшноӣ заминаи воқеӣ гузошт ва сабаби он гашт, ки дар қадим инсонҳо ба ин унсурҳо эътимоду эътиқод пайдо кунанд, онҳоро мадҳу ситоиш намоянд. Чунки агар оташу рӯшноӣ барои мунаввар сохтани ниҳоди онҳо, ҳаёти воқеиашон замина гузорад, хуршед бошад, бо шуоҳои сӯзону тафсонаш ба зиндагии инсонҳо нуру саодату гармӣ ворид мекард.

Ниёкони гузаштаи мо мудом рӯйи худро ба сӯи оташ, дастони худро ба сӯи хуршед бурда, аз ин ду унсур барои саҳлу осон гаштани мушкилоти рӯзгори хеш ёрию мадад металабиданд. Ҳамин эътиқоду боварҳо буд, ки дар замонҳои хеле дури пеш аз мелод қавмҳои гуногуни дунё барои рӯзгори худ устураҳо меофариданд ва кушоиши кор, баракати рӯзгор, саодати зиндагӣ, ҳаёти ширину гуворои баъдиашонро бо ин ҷашну маросимҳо сахт тавъам медонистанд. Баъди адои бомуваффақияти ин боварҳо худро хушҳолу қавируҳ эҳсос карда, сипас, ҷиҳати сомон бахшидани корҳои муҳимашон мепардохтанд.

Ба ҳар сурат, пайдоиши ҷашни Сада ва устураҳои бо он нисбатдошта ба моҳияти рӯшноӣ ва оташ марбут аст ва аз рушду ташаккули қавмҳои ориёӣ мужда мерасонад.







Дар ин бобат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари беназирашон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» нигоштаанд: «Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, хуршед чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст».

Бо ҳидоят ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Сада дар Тоҷикистон умри дубора ёфт. Акнун Сада дар тамоми ноҳияҳо ва шаҳрҳои кишварамон ба таври густурда ҷашн гирифта мешавад. Дарвоқеъ, фарзандони бонангу номус ва фарзонаи миллат бояд омӯзиш, ташвиқу тарғиби осори мондагори ниёконамонро қарзи виҷдонию имонии худ бидонанду ба он ҷовидона арҷгузорӣ намоянд.

Имрӯз мо аз он меболему ифтихор дорем, ки мардуми куҳанбунёди тоҷик тавонист ҷашнҳои муқаддаси миллӣ - Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Садаро ҳазорон сол нигоҳ дошта, онҳоро ҷаҳонӣ гардонид.

Месазад, ки мо ҳам ба истиқболи ҷашни Сада мисли ниёконамон қиём намоему ниёиш кунем: «Сада, омад - омадатро бесаброна интизорем. Биё, ки аз омаданат дар чашмонамон нур, дар қалбҳоямон оташу гармӣ ва дар ниҳодамон меҳру эътиқоду навозиш ғулғулаю шукӯҳи тоза меафканад. Биё, ҷашни аҷдодони хирадманду маърифатдӯст ва заковатманди мо - Сада!».

**Шарифҷон ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

---

# Ҷонибек АСРОРИЁН: «САДА АРХЕТИП АСТ»



**Дар бораи пайдоиш, густариш ва фалсафаи Сада чӣ дар ривоёти мардумӣ ва чӣ дар осори муҳаққиқони гузаштаю муосир андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Шинохти ин ҷашнвора ва ҷойгоҳу мақоми он дар зиндагии ниёконамон ба шинохти решаҳои тамаддуни мо ёрӣ мерасонад. Бо назардошти муҳимияти ин масъала суҳбате оростем бо фарҳангшинос, номзади илмҳои таърих Ҷонибек АСРОРИЁН.**

**- Дар оғоз, хуб мешуд дар бораи таърих, моҳият, муҳимият ва эҳёи ҷашни Сада ибрози назар бинмоед.**

- Нахуст, ниёиш ва сипос ниёконамонро, ки дар гирудорҳои ҳаёт ва тамаддуни башарӣ ҷойгаҳи хосаи хешро пайдо карданд ва атрофи меросашон то кунун баҳс мероемy баҳра мебардорем, иззат мениҳем ҷашнгунаҳоро, ки маҳсули тафаккури эшонанд. Онҳо асрори оламро омӯхтанд, дунёи дигаре сохтанд, ки муҷиби ифтихороти мо – ворисон аст.

Бояд таъриф кард, ки сухан атрофи ҷашне меравад, ки чанд ҳазор сол арзи ҳастӣ карда, бо устувор гардидани солшумории хуршедӣ – 10-уми моҳи баҳман, мувофиқ ба 31-уми январи ҳисоби мелодӣ, ҷашн гирифта мешавад. Сада сохтаи асотирӣ, маҳсули мушоҳида, тасаввур ва бовари ниёгонамон буда, аз гомҳои нахустин дар муқаддаму муқаддас доштани падидаҳо, ҳаводиси табиӣ ва иҷтимоӣ гардонидани он буд, ки ба суру сурур ва шодиҳои дастҷамъона асос ниҳод.

Сабаби пайдоиши Сада оташ аст, ки ба шакли озар, отару атар, алов, гулхан дар манбаъҳо ва гуфтори мардум дар баробари обу боду хок аз унсурҳоест, ки боиси ҳастӣ шинохта мешавад, вуҷуд дорад ва оташ барои мардуми ориёӣ падидаи муқаддас аст, ки қабл аз замони Пешдодиён барояш маросим баргузор намуда, то ба замони давлатдории Сомониён арҷ ниҳода мешуд ва мавриди ситоишу ниёиш қарор мегирифт. Дақиқтар аст, агар талқин кунем, ки аз замонҳои хеле дур инсонҳо ба оташ дилбастагӣ пайдо карданд. Онҳо оташро бо тафаккуру шуур намешинохтанд, аммо муҳимияташро ҳар лаҳза эҳсос мекардану василаи наҷот мепиндоштанд. Шинохту истифодаи оташ буд, ки инсонҳоро аз олами ҳайвонот ҷудо кард. Аз замони густариши зардуштия оташ ҳамчун унсури ҳаётбахш ва сарчашмаи рӯшанию гармӣ, покию назофат, мабдаи неруҳои аҳуроӣ пазируфта шуд. Ин ид аз идҳои дигар қадимтар буда, ба тағйироти ҳамон овон бештар рост меояд ва рамзу рози фаровон дорад.

Сада архетип аст, яъне оғозин. Ба андешаи равоншиноси бузурги шведсарӣ Карл Густав Юнг, ки намодҳои ибтидоӣ ва рамзу мотивҳои универсалиро дар амалҳои бошууронаи коллективии ҷомеаи нахустин пажӯҳиш кардааст, ҷашни Сада аз зумраи он намодҳост. Дарвоқеъ, ситоиши оташ аз офтоб берун заҳидааст. Яъне оташ рамзи офтоб ва хонаободӣ аст. Дар фарҳанги мардумони олам аз офтоб дида парастиши бузург ва неруи тавоно вуҷуд надоштааст, ки он як ҷузъи фарҳанги ниёгони мост.

**- Ниёкони мо ҷашнҳои зиёдеро ба вуҷуд овардаанд, ки яке аз онҳо Сада аст. Бигӯед, ки ин фарҳанг дар сурати ҷашнҳо чӣ гуна ба вуҷуд омад ва ба ташаккулу таҳаввулот мувоҷеҳ шуд?**

- Барои ба ин суол посух додан мушкилот дорем. Мо аз моҳият огоҳем, вале аз воқеияти замони пайдоиш начандон. Аз макон ва даврони шаклгирии ҷашн донишмандони пешин ва муосир ҳадс задаанд, вале наметавонем авзои он овон, манзараи зуҳури ҷашнҳои нахустинро тасаввуру тасвир намоем. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ: «Гоҳе аз аҳволи одӣ, имрӯз чизе мушоҳида мекунем, ки агар монанди онро аз замонҳои қадим нақл кунанд, мо онро муҳол хоҳем донист». Яъне, он тасаввурро бебунёд, газоф ва муболиға мепиндорем. Дар маҷмуъ, ҷашнвораҳо иқтидор ва бунёди фарҳанганд, ки марҳила ба марҳила гавҳари дурахшандаи ахлоқу одобу оин ва анъанаю русумро ба ҳам оварда, густариш ёфта башарӣ шудаанд. Чуноне Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд: «Фарҳанге, ки барои беҳбудии рӯзгори инсон хизмат мекунад, моли тамоми башар аст». Пажӯҳишгарон низ ба ин андешаанд, ки башар имрӯз ниёзманди ҳифзи асотир аст. Аз назари К. Г. Юнг фарҳанге, ки иртиботашро бо архетип гум кардааст, маҳкум ба марг мебошад. Сохти архетипҳо инсонро ба сарчашмаи фарҳангаш, замони оғозин бармегардонад, ҳаводиси пешинро зинда месозад, таърихро ба забон меорад ва имрӯзро маъно мебахшад.

- **Ба тахмин, ин ҷашн кай ва дар куҷо пайдо шуд?**

- Он адабиёте, ки дастраси мост, таърихи зуҳури ҷашнро аз 5 то 8 ҳазор сол тахмин мекунад, ки даврони гузаштан аз ҷомеаи истеъмолгар ба истеҳсолкунанда мебошад. Яъне одамизод дар баробари истифодаи неъматҳои тайёр: мева, гиёҳҳо ва шикор ба кишти зироат, ҳунармандӣ ва ром кардани ҷонварон машғул шуд, ки аломатҳои онро бостоншиносон муқаррар мекунанд. Ҷараёни пайдоиш, мазмуну моҳияти Сада мулоҳизаҳои як фард нест, балки ба осори бостоншиносӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, осори муҳаққиқони замонҳои гуногун рабт дорад. Бардоштҳои донишмандон низ якрангу яксатҳ нестанд.

Ҷашнҳои куҳан ҳамвора дар замони пайдоиши аввалин давлатҳо ташаккул ва таҳаввул ёфтаанд. Агар дар натиҷаи пажӯҳишҳо назар биандозем, маълум мегардад, ки макони пайдоиши ҳамаи ин ҷашнҳо шарқи Эрон аст, ки ядрои онро ҳавзаи рӯдҳои Панҷ (соҳилҳои росту чап), Вахш ва Сир ташкил мекардааст. Ҳамон мулкҳои Эрони Шарқӣ, ки дар осори солноманигорони юнонӣ бо унвони Ариа ва Ариана зикр мешавад ва дар бунёди онҳо қавмҳои ҳамгавҳар – эронию тӯронӣ ҳамдостон буданд.

Анъана, оину русум ва ҷашнҳо, ки дар марзу буми аҷдодии мо ба зуҳур омада то мо расидаанд, худ таъриханд, ки василаи нигоҳдорӣ ва интиқол аз насле ба насл мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «...Ҷашнҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада пояҳои асолати миллии тоҷикон ба шумор меравand, зеро ҳамаи онҳо маҳз дар марзу буми аҷдодии мо, яъне дар қаламрави таърихии тоҷикон зуҳур карда ташаккул ёфтаанд». Шоистаи зикр аст, ки дар миёни ин ҳама ёдгорӣ бебаҳотарин ҳикмат ва андеша дар Сада нуҳуфта аст. Сада арзиши инсонро аз ҳама бартар шуморида, ҳама тоифаҳои иҷтимоиро фаро мегирад: аз хурд то бузург. Дар маҷмуъ, ба хотири касе ва суди тоифаи алоҳидае набудааст. Ҳанӯз дар асри XI Аҳмади Тӯсӣ ба ин моҳият ишора карда буд: «Офаридгор ин неъмат (оташ)–ро аз касе дареғ надошт, на аз мулук (ҳокимон) ва на аз масокин (сокинон).

**- Нақши бузургони илму адаби мо дар нигоҳдошт ва рушди арзишҳои миллиамон то чӣ андоза муассир аст?**

- Ниёгонамон дар тамаддуни башарӣ ҷойгоҳи хоса доранд. Номоварони донишу адаб Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Асадии Тӯсӣ, Байҳақӣ, Фахриддини Гургонӣ, Унсурии Балхӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ ва даҳҳои дигар дар умри бардавоми ҷашнвораҳо ва вижагиҳои зиндагиномаи халқи тоҷик саҳм гузоштаанд. Эшон бартарӣ ва афзалияти халқи худро дар шинохти донишҳои табиӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва оину кеш бар дигарон, ки бадбини ҳунару дониш ва гузаштаи пурнишоти тоҷикон буданд, таъкид менамуданд. Онҳо ба ҳар навъе дар муқовимат бо душманони ғоявии халқи хеш қарор доштанд. Абурайҳони Берунӣ, ки дар аҳди Ғазнавиён мезист, дар китоби «Ат-тафҳим» аз таърихи тоисломӣ ёдрас шуда, дар фаслҳои «Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳи порсиён аст», «Дар идҳои моҳҳои суғдиён», «Дар идҳое, ки дар моҳҳои аҳли Хоразм аст», «Дар мазҳаби хоразмшоҳиёну идҳои аҳли Хоразм» маълумоти арзишманд аз худ боқӣ мондааст. Пас, мешавад ба осори ӯ эътимод накард, ки дар он айём забонҳои арабӣ, санскрит, ибрӣ, юнонӣ ва паҳлавиро медонист? Аммо дар натиҷаи диноварӣ – паҳншавии ислом мубориза ҷиддӣ барои аз байн бурдани ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Сада, ба вуҷуд омад, ки ба ҳувияти мо зарба зад.

**- Чаро барои аз ёдҳо тарошидани Сада амалҳои зиёде анҷом шуд?**

- Бояд зикр кард, ки дар ибтидо Сада як расми одию барои омма муҳим, як падида, зарурат, эҳтиёҷи рӯзгор барои зиндагии инсонҳо будааст. Намунаи эътиқоду арҷгузорӣ ба офтоб ва нишонае аз он – оташ дар рӯи замин ба ҳисоб мерафтааст. Бо он ки дар таркибаш аломатҳои анъанаҳои пешин - митроизм (меҳрпарастӣ – офтобпарастӣ)–ро дошт, намунаи зиндаи муқовимат бо оини тоза – ислом ба шумор мерафт. Дар дини зардуштӣ худои офтоб ва равшанӣ - Митра размандаи беҳамто, молики пирӯзиҳо, олиҳаи серҳосилӣ ва обҳои ҷорӣ сутуда мешуд ва объекти асосии парастиши Митра оташкадаҳо буд. Ба ин сабаб муқовимат бо Сада сахту сангин воқеъ шуд. Бо нест кардани Сада аз миён бурдани оташкадаҳо саҳл гашт. Қисмате аз маъбаду оташкадаҳоро хароб ва қисматеро ба масҷид табдил доданд. Ба ҳар васила аҷнабиён парастиши офтоб ва дигар аломатҳои хоси Садаро ба тариқи даҳшатовар нест карданд. Оташкадаҳо, мавзеъҳои муқаддаси шаҳристонҳо, намунаҳои санъати меъморӣ, китоби муқаддаси Авесто, оину кеши пешин, номҳо, ҷашнҳо ва дигар арзишҳои моҳияти миллидоштаро аз байн бурданд, рисолаҳои зиёди илмҳои дақиқро сӯзонданд.

Маводи бостоншиносӣ, хаттӣ ва мулоҳизоти муҳаққиқон моро водор мекунад, ки ба як нуктаи дигар низ таваҷҷуҳ созем. Дар Тахористон густариш ёфтани дини буддоӣ ҷойгоҳи зардуштияро танг кард ва то андозае эътиқодоти меҳрпарастиро заиф намуд, аммо нишонаҳои кеши пешин дар сурати муҳаббат ба оташу офтоб ҳамчун унсури муҳими ҳаёт дар миёни мардум боқӣ монд, на дар сатҳи давлатсозон.

**- Дар як давраи муайяне пас аз забткориҳои араб Сада шуҳрат пайдо карду боз аз ёдҳо рафт. Чаро?**

- Муқовимати фикрӣ ва ғоявӣ афзалтар аз мубориза ва муқовимат бо силоҳ буд, ҳамчуноне ки имрӯз ҳаст. Дар пойдории ҷашнҳо, нахуст, омилҳои сиёсӣ аҳамият дошт. Дар ин росто, нақши абармардони сулолаҳои ватанпараст хеле муҳим буд. Аз даврони зуҳури давлатҳои миллӣ гомҳои муътамад дар сабзиши оину анъана ва ҷашнвораҳои миллӣ гузошта шуд, ки бо унвони «Растохези Шарқ» шуҳрат дорад. Дар ин кор нақши давлатҳои Тахориён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён ва саҳми Яқуби Лайс, Исмоили Сомонӣ, Ибни Муқаффаъ, Тоҳир ибни Абдулло ва дигар номоварон барҷаста аст. Онҳо ба ҳимояи мероси падарон бархостанд, ба забон, расму оин ва анъаноти хеш содиқ монданд.

Дар ниҳоят, бунёди сохти шуравӣ ба саҳифаҳои таърихи ниёгон хати батлон кашид. Таҷрибаи талхи таърих аст, ки тағйироти андак гардиши бузурге дар тафаккури инсон ба вуҷуд меорад.

**- Дар поистан ва нигоҳдошти ин ҷашн имрӯз чӣ корҳоеро бояд анҷом диҳем?**

- Моҳияти Сада омӯзиш аст ва ин омӯзиш як ҷузъи фарҳанги мост. Он пулест, ки моро бо дунёи рангини ниёгонамон мепайвандад. Мо тавассути он донишҳои табиӣ, таърихӣ, оину одати ниёгонро кашф месозем. Инҳо арзишҳои миллианд. Оё метавон онҳоро қадр накард? Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз баромадҳояшон таъкид доштанд, ки таърихи зуҳури ҷашнҳо ба таври илмӣ омӯхта шавад.

Истиқлол тағйироти сифатӣ дар тафаккури миллӣ ба вуҷуд меорад. Акнун худро бояд шинохт. Ин шиносоӣ дар рӯ овардан ба таърихи пешин инъикос мешавад ва ягона омил ва сипари муҳим дар зинда доштани халқ, анъанаҳои мардумист. Он дар эҳёи фарҳанг, оин ва русум зоҳир мегардад. Дар акси ҳол, рӯзгори якранги тамаддуни нав бо тафаккури таъсирпазири ҷавонони дунёи нав сарнавишти фарҳанг – ҷавҳари дурахшони инсониятро ба нестӣ мекашад.

Таҳоҷуми фарҳангӣ, ки оқибатҳои номатлуби сиёсӣ дорад, моро вазифадор мекунад, ки аз оину анъанаҳои неки ниёгон барои дафъи ҳастии худ, сипари боэътимоде бунёд намоем, худро муаррифӣ кунем. Дар поистан ва нигоҳбонии фарҳанги тоҷик ниёгони мо ҷон дар каф гирифта онро ҳифз намуданд ва ба мо мерос гузоштанд. Мо низ ин рисолатро уҳда кардем, ҷашни Садаро ҷаҳонӣ гардондем.

**- Барои суҳбати пурмуҳтаво як ҷаҳон сипос ба Шумо.**

**Мусоҳиб Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

---

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси моҳияту ҳикмати баргузории ҷашни Сада чунин таъкид намуданд: «Маросиму оинҳои ин ҷашни мардумӣ аз қадим дарбаргирандаи нияту орзуҳои гузаштагони мо мебошанд. Одамони синну соли гуногун дар давраи авҷи сардии зимистон бо орзуи омадани фасли баҳори ҷонбахш бо ҳам ҷамъ омада, чорабиниҳои мухталиф доир мекарданд, гулхан мегиронданд, базм меоростанд, шодиву хурсандӣ мекарданд ва бо ҳамин роҳ сахтии сарморо барои якдигар осон менамуданд. Яъне анъанаҳои ҳаётдӯстона ҷавҳари ҷашни Садаро ташкил мекарданд».**

# ПАЙКЕ АЗ МАВСИМИ НАВИ КИШОВАРЗӢ

Тавре ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ Зафар Холмуродов зимни суҳбат гуфт: «Сада аз даврони қадим яке аз ҷашнҳои бошукӯҳу шаҳомати мардуми эронитабор ба шумор рафта, моҳияти онро пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва некӣ бар бадӣ ташкил медод.

- Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, Сада то даврони ҳамлаи муғул бо ҳамин ном таҷлил мешуд, аммо баъдан дар шакли сайру маросими зимистона байни мардуми кӯҳистон то миёнаҳои асри гузашта идома ёфт. Ниҳоят, ҷашни Сада дар асри XXI Ватану ҳомии худро пайдо намуд. Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаҳои таҷлили ҷашнҳои суннатии ниёгонамон-Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада расман муайян шудаанд. Ҷашни Садаро мо акнун бо назардошти ғояҳои миллӣ ва манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ баргузор менамоем, - иброз намуд Зафар Холмуродов.

Ба қавли ӯ, Сада ҷашни кишоварзон ва муждарасони баҳору мавсими нави киштукор ба шумор меравад. Ниёкони мо пас аз ҷашнгирии Сада ба корҳои кишоварзию боғдорӣ шурӯъ мекарданд. Деҳқонон хокистари гулхани Садаро ба халтаҳо гирифта, бо орзую нияти баракату фаровонӣ ба заминҳои худ бурда мепошиданд. Боғдорон дар водиҳо ба шохчабурии дарахтон сар мекарданд. Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: «Ҷашни мазкур, ҳамчунин, ифодаи пайванди зиндагии инсонҳо бо табиат, давраи омодагӣ ба истиқболи баҳор ва Наврӯз, инчунин, давраи ниҳолшинонӣ, тайёрӣ ба киштукори баҳорӣ ва дигар корҳои кишоварзӣ мебошад».

Солҳои охир шоҳидем, ки таҷлили ҷашни Сада чун дигар ҷашнҳои бостонии миллатамон бо шукӯҳу шаҳомати бештар баргузор мегардад. Ба он на танҳо сокинони мамлакат, балки меҳмонони зиёде аз кишварҳои хориҷӣ низ мароқ зоҳир мекунанд. Дар рӯзҳои таҷлили ин ҷашни қадимӣ намоиш ва фурӯши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда, сояафкан, гулу буттаҳои ороишӣ, тухмиҳои ҳар гуна зироат, васоили меҳнат ва техникаи марбут ба корҳои кишоварзию боғдорӣ, нуриҳои минералӣ, китобу дастурамалҳои ёвар барои корҳои деҳқонию боғбонӣ ва соҳаҳои дигари хоҷагидорӣ, ихтироъ ва дастовардҳои тозаи олимони тоҷик ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳама, дар маҷмуъ, шуҳрату шукӯҳи Садаро меафзояд.

Ҳикмату фалсафаи эҳё ва таҷлили ҷашни Сада он аст, ки дар баробари арҷгузориву гиромидошти расму оини бостонӣ, инчунин, завқи наврасону ҷавононро ба ободкорӣ, дӯст доштани табиати диёр, пос доштани арзишҳои миллӣ ва риояи одоби муошират бештар мегардонад.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**






**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | №ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426929 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон | Қисмҳои эҳтиётии техникӣ, сӯзишвории дизелӣ, аломати роҳ, сутунпоя барои аломати роҳ ва ранг барои кашидани хатҳои уфуқӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 19.02.2025 15:15:05 |
| 2 | 426930 | Маркази ёрии таъҷилии ноҳияи Ҷайҳун | Таъмири қисмати даруна ва беруна бо боми бинои Маркази ёрии таъҷилии ноҳияи Ҷайҳун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 19.02.2025 15:20:50 |
| 3 | 426931 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Сохтмони бинои иловагии 1-ошёнаи толори қаҳвахона барои 200 ҷойи нишаст дар Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 19.02.2025 18:33:33 |
| 4 | 426933 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.02.2025 09:07:56 |
| 5 | 426934 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Бензин, сӯзишвории дизелӣ, битум ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 20.02.2025 09:13:44 |
| 6 | 426935 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 20.02.2025 09:18:36 |
| 7 | 426932 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ | Кашидани хатти гармидиҳӣ бо қубури полипропиленӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.02.2025 09:40:30 |
| 8 | 426937 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 20.02.2025 14:07:34 |
| 9 | 426936 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансур | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.02.2025 14:30:00 |
| 10 | 426938 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Тубакҳо | Озмуни кушод | Мол | 4 | 20.02.2025 15:15:15 |
| 11 | 426940 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Ҷорӯби калон | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.02.2025 15:45:45 |
| 12 | 426939 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Плитаҳои оҳанубетонӣ, канорасангҳо, диски алмосӣ ва асфалти хунук | Озмуни кушод | Мол | 7 | 20.02.2025 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл» ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатномаи гумшудаи қитъаи замини дараҷаи А№0051579 таҳти рақами қайди №571, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон 27 декабри соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Хуросон, ҷамоати деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Меҳнат, ба Болтахонова Сафарби Исматуллоевна додааст эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДХМ № 00002863 бо қайди 436, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино 28 майи соли 2021, ба Даяшванкар Шарма додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 45/3, ҳуҷраи 21, ба Лиқоев Хайрулло Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0267222 бо қайди 175, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ 23 июни соли 2023, ба Сафарзода Оростамоҳ Назармад додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №8Ш-508, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12 феврали соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/5, ҳуҷраи 20, ба Умарова Фируза Шавкатовна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/5, ҳуҷраи 20, ба Умарова Фируза Шавкатовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/5, ҳуҷраи 20, ба Умарова Фируза Шавкатовна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №9594, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 15 феврали соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 17/5, ҳуҷраи 20, ба Умарова Фируза Шавкатовна додааст, эътибор надорад.

✓Муҳри гумшудаи ҶДММ «Бахти ман» (РМА 030034786), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, эътибор надорад.

✓Варақаи гумшудаи РМА 030034786, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба ҶДММ «Бахти ман» додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 21/17, ҳуҷраи 65, ба ҶДММ «Манзилсозҳои аъло» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 9Д-265, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов, хонаи 38, ба Саидова Нигина Хасановна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов, хонаи 38, ба Саидова Нигина Хасановна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи кӯчаи Титов, хонаи 38, ба Саидова Нигина Хасановна додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқии истифодаи замини силсилаи Б-0721749-и гумшуда, ки онро дар асоси Қарори раиси ноҳияи Варзоб аз 2 апрели соли 2009 таҳти №69 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Деҳмалик, деҳаи Сафедорак, ба Расулов Раҳмат додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшудаи соҳибкори инфиродӣ (РМА 015377605, РЯМ 0331421072), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2020 ба Зайдулоев Ҷунайдуло додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2021 ба Маматов Авазҷон Икромжонович додааст, эътибор надорад.

✓Билети гумшудаи ҳарбии силсилаи ҶТ №0064178, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Ҷаббор Расулов 30 ноябри соли 2020 ба Очилов Илҳомҷон Дилмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун бо силсилаи ДШ №0639896 таҳти феҳрасти 7М290, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21 июли соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷаббор Расулов, бинои 71/1, ҳуҷраи 8 ба Фомина Римма Васильевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А02703748, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 4 декабри соли 2019 ба Давлатова Сабрина Азизовна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира бо силсилаи Дш №0148053, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 январи соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 299, ҳуҷраи 43, ба Табаров Аминҷон Ашуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 299, ҳуҷраи 43, ба Табаров Аминҷон Ашуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира бо силсилаи ДШ №1706612 таҳти феҳрасти №1-1532, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сентябри соли 2024 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 64/3, ҳуҷраи 73, ба Алибахшова Фарида Кайкубодовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ба Абдураҳмонов Азамджон Акмалович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи гумшудаи имтиҳонӣ бо силсилаи №2019030119, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2019 ба Исламов Азамат Камолович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ (РМА 120041015), ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба ҶДММ «Шодмон 96» додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда бо силсилаи №075708/2020, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ба Иброҳимов Саидҷалол Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшудаи соҳибкори инфиродӣ бо (РМА 045474043, РЯМ 0430039317), ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25 майи соли 2017 ба Шукуров Булхвалишо Миърочович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (РЯМ 0331510695), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 22 октябри соли 2024 ба Олимов Абубакр Ҳафизович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №1092, ки онро Идораи нотариалии шаҳри Норак 25 августи соли 1992 бо суроғаи шаҳри Норак, кӯчаи Колюжинка 3, хонаи 33, ба Тоиров Холмуҳамад Маҳмадалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшуда таҳти №3454, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ваҳдат 17 сентябри соли 1991 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Колюжинка 3, хонаи 33, ба Долотов Михаил Якович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶСП «Технология XXI век» (РМА 040013756, РЯМ 0210004465), ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4 октябри соли 2006 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Кристалл сохтмон» (РМА 010101623, РЯМ 0110025493), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 13 марти соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Иттифоқи ҷовид» (РМА 010109764, РЯМ 0110032927), ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 12 августи соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


## «ДОКТОР ДЖОН»




ШУМОРО ГОҲ СУЛФАВУ ГОҲ ХОРИШУ ДАРДИ ГУЛӮ НОРОҲАТ МЕСОЗАД?

**МУШКИЛЕ НЕСТ!**

Ҳатман қандакҳои **«Доктор Джон»**-ро аз дорухонаҳо харидорӣ намуда, онро бо худ гиред. Дар лаҳзаҳои лозимӣ барои хӯрдани он ба шумо об, пиёла ё сачоқча лозим намешавад. Ҳатто ба ёру коргарону шиносонатон дар ҳолати сулфа, хориш ё дарди гулӯ ва атса заданашон метавонед бо **«Доктор Джон»** ёрирасон бошед.

Таркиб: решаи ҳаққонии «солодки» бо равғани филтршудаи эвкалипт.

Таваҷҷуҳ: **«Доктор Джон»** рангаш сурх буда, бо қаланфур омехта шудааст. Он ба шахсоне, ки дӯстдори таъми тез ҳастанд, тавсия мешавад.

***Истеҳсолкунанда* НПВ «Вулкан», *Россия*.**

## ПОПУЛИН




**– ДАВОИ СУЛФАИ ДУРУДАРОЗ**

**ПОПУЛИН** воситаи камназир ҷиҳати табобати бемориҳои шадиди сироятии роҳи нафас, сулфаи дурударозу сабабаш номаълум ва ҳамчунин, паразитӣ буда, барои пешгирии бемориҳои талхадон, ниқрис, тарбод ва ҳатто сил тавсия мешавад. **ПОПУЛИН** таъсири бештару безарар дошта, барои ҷигар низ манфиатбахш аст. Ҳарорати баландро муътадил намуда, фаъолияти меъдаву рӯда ва хунукиҳои кухнаи музминро аз байн мебарад.

**Тарзи истеъмол:** як қошуқча (5 г) даворо дар 100 мл. об нағз омехта, дар вақти хӯрокхӯрӣ рӯзе 1 маротиба истеъмол кардан зарур аст.

**Муҳлати табобат: 30 рӯз.**

***Истеҳсолкунанда* ООО «Биолит», Россия.**

## АЗ ФАРБЕҲӢ АЗИЯТ МЕКАШЕД?




**Чӣ гуна аз вазни зиёдатӣ халос шуданро намедонед?**

**ПАС, ШИТОБЕД!**

Бо нархи арзон метавонед аз дорухонаҳо дастрас намоед.

Фитомаҷмуи **«Камак-камак»** фарбеҳиро рафъ ва иштиҳоро кам намуда, шикамро ба андозаи пештарааш бармегардонад.

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

***Истеҳсолкунанда* Россия.**



Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 30 январи соли 2025, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97